“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э. С.
_______________
31. 01 соли 2026

**НУСХА АЗ СУРАТМАҶЛИСИ № 06**
**ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

аз 31. 01 соли 2026 ш. Душанбе

**Иҷрокунандаи вазифаи раисикунанда:** Тағойназаров Ш. Т. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ).

**Котиби ҷаласа:** Саидов Ш. У. – мудири кабинети таълимии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

Иштирок намуданд: Ғаюрзода Ш. К. – профессор, мудири кафедра, профессорони кафедра: Тағойназаров Ш. Т., Маҳмудзода М. А., Қосимов Ф. А., Қурбонов Қ. Ш., дотсентон: Ҳиматов Ҳ. Н., Қурбонов Қ. Б., Саидов Ҳ. М., Соҳибзода М. М., Шерзода Б. С., муаллими калон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Мирзомуродзода Д. Г., ассистентон: Айюбзода А. Ш., Нарзуллозода Ф. Ҷ., Қодирзода С. С., Ҳакимзода Я. Б., Дилрабои Абдуҷаббор, мудири кабинети таълимӣ – Саидов Ш. У., Тағозода С. С. – лаборанти кафедра.

**Рӯзномаи ҷаласаи кафедра:**

Муҳокимаи диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави

иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5. 5. 3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Роҳбари илмӣ Ғаюрзода Ш. К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Шунида шуд:** оид ба масъалаи рӯзномаи ҷаласа унвонҷӯй Қодирзода С. С. баромад намуд. Вай дар баромади худ оид ба сохтори диссертатсия, мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи он бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ муайян гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати иҷрои кори илмӣ ба ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи илмӣ маълумот дод. Маълум гардид, ки бори аввал масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ, пас аз қабул шудани Кодекси мадании (минбаъд - КМ) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, таҳти № 1918, мавриди таҳқиқоти илмӣ гардид. Ин аввалин қадам дар самти муайян намудани вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ дар бозори хизматрасониҳои интернетӣ мебошад. Зеро то ин вақт мафҳуми расмии операторони алоқаи барқӣ ва интернет - провайдерон ва меъёрҳои алоҳидае, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии онҳоро муайян мекард, дар сатҳи зарурӣ муайян набуданд, норавшанӣ ва маҳдудият дар муайян намудани ин иштирокдорони касбии бозори хизматрасониҳои музднок ҷой доштанд. Бо қабул шудани қисми 3 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мушкилотҳо

пурра аз байн нарафтанд, вале онҳо ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ эътироф шуданд. Аммо таҳлили боби 68 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ), ки хусусиятҳои масъулият барои риоя накардани ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсиониро танзим мекунад, нишон медиҳад, ки баъзе камбудиҳо дар меъёрҳои алоҳидаи он дида мешавад, ки онҳо пас аз қабули КМ ҶТ пурра бартараф карда нашуданд.

Аз 1 июли соли 2023 танзими иштироки миёнарави иттилоотӣ тибқи меъёрҳои КМ ҶТ ба роҳ монда шудааст. Дар муомилоти маданӣ онҳо дар шакли ташкилӣ – ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагӣ фаъолият намуда, қобилияти ҳуқуқдории онҳо махсус мебошад. Онҳо соҳибкор бошанд ҳам, танҳо ҳамон намуди хизматрасониро анҷом медиҳанд, ки дар иҷозатномаи онҳо муайян шудааст. Бояд зикр намуд, ки вазъи ҳуқуқии оператори алоқаи мобилӣ ва интернет – провайдерон умумият доранд, вале аз лиҳози салоҳиятнокӣ фарқ мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз вазифаҳои «Барномаи давлатии рушди низоми логистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 октябри соли 2023, № 503, тасдиқ карда шудааст, «ин фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии рушди низоми логистика ва таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ", мебошад. Ташаккули низоми логистика барои устувории бозори хизматрасониҳои интернетӣ, баланд намудани суръати Интернет ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, мусоидат мекунад.

Яке аз роҳҳои такмил додани вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ - танзими зерқонунии фаъолияти касбии онҳо мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар йн соҳа санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабулшуда, амал мекунанд. Аммо пайдоиши шаклу тарзҳои муосири хизматрасониҳои интернетӣ, қонунгузории он ба такмил ниёз дошта,

зарурати қабули қонун ва як қатор санадҳои нави зерқонуниро дар ин самт тақозо менамояд. Новобаста аз амали санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар фаъолияти соҳибкории интернет - провайдерон, баъзе мушкилот ба назар мерасад. Дар баробари рушди қонунгузорӣ, бояд волоияти қонун низ таҳким ёбад. Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки баъзе аз шаҳрвандони Тоҷикистон аз сифати хизмати интернет – провайдерон қаноатманд набуда, бо даъво ба суд муроҷиат кардаанд.

Нақши муҳимро дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ, ба ғайр аз КМ ҶТ, қонунҳои ҶТ: “Дар бораи савдои электронӣ” аз 12 октябри соли 2022, № 869, “Дар бораи алоқаи барқӣ” аз 22 июни соли 2023, № 1978 ва дигар санадҳои меъёрии ин соҳа, иҷро менамоянд. Аммо қонунҳои мазкур ва санадҳои зерқонунии он, аз лиҳози рақобати озоди иқтисодӣ дар бозори хизматрасониҳои интернетӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истифодабарандагони алоқаи барқӣ (истеъмолкунандагон) зарурат ба такмил доранд. Холигӣ дар танзими ҳуқуқӣ боиси он шудааст, ки бисёри навъҳои алоҳидаи хизматрасониҳои интернетӣ пурра танзим нашудаанд. Кори шартномавӣ дар самти алоқаи мобилӣ аз ҷониби хадамотҳои ҳуқуқии интернет – провайдерон пурра ба талаботҳои кори ҳуқуқӣ ҷавобгуй нест. Чунин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҶТ миёнаравони иттилоотӣ дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор доранд.

Таҳлили мавзуи мазкур нишон дод, ки дар кишвар ба таҳқиқу баррасии паҳлуҳои алоҳидаи вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ ба таври комплексӣ касе машғул нашудааст. Таҳқиқотҳои алоҳида дар алоқамандӣ бо Интернет анҷом дода шудаанд, вале онҳо масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотиро инъикос намекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои дар боло зикргардида баёнгари он мебошанд,ки мавзуи мазкур ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ мубрам буда, интихоби он муҳим мебошад.

Баъди баромади унвонҷӯй ба ӯ аз ҷониби профессори кафедра Муртазозода Ҷ. С. ва дотсенти кафедра Қурбонов Қ. Б., саволҳо дода шуд. Ҷавобҳои унвонҷуй қаноатмандкунанда буданд.

Баъди саволу ҷавоб, роҳбари илмӣ, профессор Ғаюрзода Ш. К. баромад намуданд. Вай дар суханронии худ қайд намуд, ки вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ бори аввал дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ гардидааст. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, мундариҷа, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти (маъхазҳо) - и истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Дар он интишороти унвонҷӯй аз рӯи мавзуи диссертатсия ҷойгир шудааст.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи диссертатсия нишон медиҳанд, ки номи мавзуи диссертатсия ва мазмуни он пурра ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5. 5. 3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат доранд.

Унвонҷуй оид ба масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст.

Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки унвонҷуй аз соли 2022 то инҷониб ба таҳқиқи мавзуи масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилоотӣ машғул буда, дар семинар ва дигар ҳамоишҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва донишгоҳҳо, бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст. Вай аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии рисола, нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд.

Вай муаллифи 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии миёнаравони иттилоотӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2, 3 ҷ. ч. мебошад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботҳои додани дараҷаи илмӣ, овардани иқтибосҳо ба асарҳои истифодашуда ва одоби илмӣ ҷавобгуй буда, аз аъзоёни кафедра хоҳиш намуданд, ки унвонҷуйро дастгирӣ намоянд.

Доир ба масъалаи мазкур Тағойназаров Ш. Т. – иҷрокунандаи вазифаи раиси ҷаласа ба маълумоти ҳозирин расонид, ки Қодирзода С. С., соли 2021 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ – ро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 23 – юми декабри соли 2023, таҳти № 5, тасдиқ шудааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои “Таърих ва фалсафаи илм”, баҳо “Хуб”, аз 10. 11 соли 2025, “Забони хориҷӣ” (англисӣ), баҳо “Аъло”, аз 16. 12 соли 2025 ва ихтисос (5. 5. 3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), баҳо “Аъло”, аз 03. 01 соли 2026, аз ҷониби ДМТ дода шудааст (09.01 соли 2026, № 03.).

Доир ба рисолаи номбурда профессор Тағойназаров Ш., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ҳиматов Ҳ. Н. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедра Мирзомуродзода Д. Г., баромад намуданд. Маълум гардид, ки баъди муҳокимаи аввали диссертатсия дар кафедра камбудиҳои ҷойдошта бартараф шудаанд ва пешниҳод шуд, ки диссертатсияи мазкур ба ҳимоя тавсия дода шавад.

Сипас сухан ба Қосимзода Ф. А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедра, дода шуд. Баромадкунанда иброз намуданд, ки

вазъи кунунии миёнаравони иттилоотӣ ва суръати пасти Интернет барои гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва савдои электронӣ пурра мутобиқ нест. Сифати хизматрасониҳои алоқаи барқӣ бояд беҳтар карда шаванд. Бинобар ин, диссертатсияи анҷомёфтаи унвонҷуйи кафедра илман асоснок ва амалан татбиқшаванда мебошад. Бояд ба ҳимоя тавсия дода шавад.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботҳои амалкунанда ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия дода мешавад.

Муртазозода Ҷ. С. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедра дар баромади худ қайд намуданд, ки барои танзими савдои электронӣ, интихоби тарафҳо, тартиби қабули ашёи интихобшуда ва ҳимоя манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон, фаъолияти миёнаравони иттилоотӣ аҳамияти муҳими иҷтимоӣ доранд. Дар диссертатсия муҳокимашуда ба масъалаҳои дар боло зикршуда диққати махсус дода шудааст ва пешниҳодҳои унвонҷӯй боэътимоднок мебошанд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи Қодирзода С. С., дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилооти тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ” ба ҳимоя тавсия дода шавад.

Дар охир номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедра Қурбонов Қ. Б. баромад намуда, қайд намуданд, ки мавҷуд набудани нуқтаи назар ва андешаи ягона оид ба мафҳуми пурраи оператори алоқаи барқӣ ва интернет – провайдер, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, дар амалия муаммоҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст. Бинобар ин, диссертатсияи анҷомдодашуда ба масъалаҳои болозикр посухдода, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии зикршуда тавсия дода шавад.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои болозикр, кафедра **қарор кард:**

1). Диссертатсияи Қодирзода Саидакбар Сангинмурод дар мавзуи «Масъалаҳои асосии вазъи ҳуқуқии миёнарави иттилооти тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, асари таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботҳои бандҳои 31 – 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

2). Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 – и назди ДМТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шуд.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст: "тарафдор" – 18 нафар; "зид" – 0; "бетараф" – 0.

**Иҷрокунандаи вазифаи раисикунанда:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори**
**кафедраи ҳуқуқи мадании факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ** **Тағойназаров Ш. Т.**

**Котиби ҷаласа, мудири кабинети**
**таълимии кафедра:** **Саидов Ш. У.**

**Имзоҳои Тағойназаров Ш. Т. ва Саидов Ш. У. – ро**
**"тасдиқ мекунам"**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Шодихонзода Э. Ш.**